# ТАҚРИЗ

ба авторефирати диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Масъалаи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва бо ин роҳ баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар замони муосир яке аз вазифаҳои мубрами таҳсилоти муосир маҳсуб ёфта, фароҳам овардани шароитҳои педагогии зарурӣ баҳри омода сохтани насли наврас ба зиндагии шоиста дар рушди устувори давлат ва ҷомеа саҳми назаррас гузоштан аст. Зеро шаҳрванди асри XXI – асри иттилоот ва технология, пеш аз ҳама, бояд соҳиби салоҳиятҳои кор бо технологияҳои муосир бошад. Тавре ки мегӯянд, касе, ки соҳиби иттилоот аст, ӯ ҷаҳонро соҳибӣ мекунад”. Аз ин мавқеъ, мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи довталаб муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии авторефирати диссертатсия собит мекунад, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда, барои истифодаи технологияҳои навини инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” дар ин самт кӯшиши саривақтӣ ва ҷолиби диққати муҳаққиқ буда, он дар доираи талаботи навтарини барасмиятдарории таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Зеро дар шароити кунунии рушди бемайлони иттилоот ва илму технология масъалаи бо сару кор гирифтан бо технологияҳои муосири инноватсионӣ ва онро дарк кардану мавриди истифода қарор дода тавонистан яке аз мушкилоти муҳими насли наврас ва ҷавонони муосир ба шумор меравад.

Натиҷаҳое, ки муаллифи диссертатсия ба даст овардааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти калон доранд, ки ба назари мо аз нуқоти

зерин иборатанд: вижагиҳои ҷорӣ ва тадбиқи технологияи инноватсионӣ зимни таълими таърихи халқи тоҷик муайян гардидааст; технологияи анъанавӣ аз нуқтаи назари ташаккули салоҳияти инноватсионии хонандагон мавриди таҳлили қиёсӣ қарор гирифтааст; зарурати дар хонандагон ташаккул додани маҳорату малакаҳои кор бо намудҳои мухталифи технологияи инноватсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст; нишондиҳандаҳо ва тавсифи фаъолияти инноватсионии омӯзгорони оянда таҳия гардидаанд.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминович ба муаммоҳои рӯзмарраи аҳамияти муҳим дошта, дар бораи асосҳои назариявӣ - методологии истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанни таърихи тоҷик, мувофиқати назарияи технологияи инноватсионии таълим ба мақсаду вазифаҳо ва методу усулҳои фаъоли таълим, аҳамияти истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ дар раванди таълим ва тарбия, ғанӣ ва пурра гардонидани донишҳои хонандагон дар бобати азхудкунӣ, истифодаи ин технологияҳо ва бартарии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, навъҳои гуногуни фаъолияти мустақилонаи хонандагон ҳангоми итифодабарии методу усулҳои фаъоли таълим дар дарси таърихи халқи тоҷик мавриди истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ андешаҳои ҷолиб пешниҳод гардидаанд.

Муҳаққиқ Палавонов Амоншо Муминович натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти мухталиф фаровон истифода бурдааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба субут расонида, мавриди арзёбӣ қарор додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Хулоса, диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” таҳқиқоти илмии баанҷом-расида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии

он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Директори филиали Муассисаи давлатии“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф”
дар шаҳри Душанбе Каримзода Шавкат Карим

Имзои Каримзода Ш.К.- ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои МД
“ДҶТИБКСМ” дар шаҳри Душанбе Шарифов А.

«07» 02. 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода 8/1а. Телефон: +(992) 93-803-93-92;
E-mail: shavkatnormatov@mail.ru